## ПРОТОКОЛИ № 34 –и

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

аз 27 сентябри соли 2025 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ 11 нафар, аз рӯи ихтисос 3 нафар доктори илм

27 сентябри соли 2025, соати 15:30 дар толори Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 баргузор гардид.

Вақти анҷоми ҷаласа:17:53

**Раис:** доктори илмҳои филологӣ, профессор Турсунов Ф.М.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҳасанова Ш.Р.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 11 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 феврали соли 2023, № 18/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 11 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон доктори илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташуаро баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Тарафдор – Ҳамаи аъзо. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи БАХЕТГУЛИ АЙМАЙТИ (BAIHETIGUI AIMATI) дар мавзуи “Маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300

– Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Диссертатсия дар кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Гулназарзода Жило Бӯрӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**Муқарризони расмӣ:**

Баротзода Файзиддин Камолиддин – доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маҳмудова Фарангис Сироҷидиновна – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи "Лингвистика"-и Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе

## БАРОМАД НАМУДАНД:

1. Раиси шуро: Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич.
2. Котиби илмии Шуро: Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна.
3. Диссертант: БАХЕТГУЛИ АЙМАЙТИ (BAIHETIGUI AIMATI).

Диссертант БАХЕТГУЛИ АЙМАЙТИ (BAIHETIGUI AIMATI) оид ба муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аъзои Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна, доктори илмҳои филологӣ, профессор Каримов Шуҳрат Бозорович, доктори илмҳои филологӣ, профессор Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Матробиён Саодатшо Қосимзода ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмӣ доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ шунида шуд.

**Баромади муқарризони расмӣ:**

1. Баротзода Файзиддин Камолиддин – доктори имлҳои филологӣ, профессор, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Маҳмудова Фарангис Сироҷидиновна – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи "Лингвистика"-и Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Доктори илмҳои филологӣ, профессор Каримов Шуҳрат Бозорович
2. Доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна

3. Номзади илмҳои филологӣ, дотсент Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна
4. Доктори илмҳои филологӣ, профессор Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

Ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ диссертант ҷавоб дод. Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор Каримов Шуҳрат Бозорович, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Матробиён Саодатшо Қосимзода ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич интихоб гардиданд.

Аз 11 нафар аъзои Шуро 11 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 3 нафар доктори илм ва 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 11, мукобил - нест, бетараф - нест.

Аъзои Шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба БАХЕТГУЛИ АЙМАЙТИ (BAIHETIGUI AIMATI) додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, киёсӣ ва мукоисавӣ) қабул гардид.

**ҚАРОРИ**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Аз 27.09. 2025 ш. Душанбе

Баромади БАХЕТГУЛИ АЙМАЙТИ (BAIHETIGUI AIMATI), тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, баромади муқарризони расмӣ – Баротзода Файзиддин Камолиддин – доктори имлҳои филологӣ, профессор, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҳмудова Фарангис Сироҷидиновна – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи “Лингвистика”-и Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе, муқарризони ғайрирасмӣ докторони илм, профессорон Каримов Шуҳрат Бозорович, Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна, дотсент Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна ва доктори илмҳои филологӣ, профессор Турсунов Фаёзҷон Мелибоевичро шунида, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои

овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи БАХЕТГУЛИ АЙМАЙТИ (BAIHETIGUI AIMATI)

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи БАХЕТГУЛИ АЙМАЙТИ (BAIHETIGUI AIMATI) дар мавзӯи “Маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба БАХЕТГУЛИ АЙМАЙТИ (BAIHETIGUI AIMATI) дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дода шавад;
4. Барои додани дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба БАХЕТГУЛИ АЙМАЙТИ (BAIHETIGUI AIMATI) аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори Шурои диссертатсионӣ муайан намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 11 нафар. Муқобил нест. Бетараф нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои
диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Турсунов Ф.М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, д.и.ф., дотсент Ҳасанова Ш.Р.

27.09.2025с.